# Тақризи

мушовири илмӣ академики АУ ҶТ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Имомзода М.С. ба рисолаи доктории Солеҳов Мирзо Одинаевич дар мавзӯи “Саноии Ғазнавӣ ва марҳалаҳои асосии инкишофи назми тасаввуфии форс-тоҷик”. – Душанбе, 2020. – 335 с.

Солеҳов Мирзо Одинаевич соли 1973 факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳоло ДМТ)-ро бо ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм карда, соҳиби ихтисоси “Филолог. Муаллими забон ва адабиёти тоҷик” гардидааст. Вай аз соли 1975 дар факултети филология ба фаъолияти меҳнатӣ оғоз кардааст. Солҳои 1975-85 лаборанти калон, мудири кабинет, солҳои 1985-89 муаллими калон, аз соли 1989 то кунун дотсенти кафедраи таърихи адабиёти тоҷик буда, солҳои 2009-2016 мудири ҳамин кафедра буд.

Солеҳов М. О. соли 1987 дар мавзӯи “Таҳқиқи қиёсии “Калила ва Димна”-и Абулмаолии Насруллоҳ бо “Анвори Суҳайлӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ”, таҳти роҳбарии профессор Ш. Ҳусейнзода, рисолаи номзадӣ ҳимоя кардааст. Дар фосилаи баъд аз ҳимояи рисолаи номзадӣ ва таълифи ниҳоии рисолаи докторӣ М. О. Солеҳов ҳамчун омӯзгор ва ташкилотчии хуб дар миёни ҳамкасбон ном бароварда, дар густариши дониши филологӣ дар факултети филологияи ДМТ саҳми шоиста гузоштааст. Ҳамасола дар конференсия ва семинарҳои муҳимми илмӣ иштирок кардааст.

Дар ҷараёни таълифи рисолаи докторӣ Солеҳов М.О. худро ҳамчун муҳаққиқи пуркору пухтакор, сермутолиа ва уҳдабаро, огоҳ аз масоили назарии адабиётшиносии асримиёнагии форсу тоҷик ва равишҳои таҳқиқии муосир, назарияи таъсиру таассур, хосса, зуҳури адабиёти тасаввуфӣ-ирфонӣ, ташаккулу таҳаввули он, мақоми Ҳаким Саноии Ғазнавӣ дар ташаккули каломи ҳунарии ирфонӣ ва кашфиётҳои адабии ин симои адабӣ-ирфонӣ дар таърихи адабиёти форс-тоҷик муаррифӣ карда тавонист.

Ҳадафи асосии диссертатсияи доктории Солеҳов М.О. таҳқиқи рӯзгору осори Ҳаким Саноӣ ва нақши ин орифи шоир дар зуҳуру ташаккули каломи ҳунарии андешамеҳвар ва нуфузи он ба адабиёти давр ва минбаъда мебошад, ки дар таърих бузургтарин марҳалаи нави ҷаҳонбинӣ ва таҳаввулоти фикрӣ дар каломи ҳунарии форс-тоҷик маърифат мешавад.

Гузориши масоил, сатҳи муҳокимаронӣ, баҳсу талошҳо, натиҷагириҳо ва хулосабарориҳои муаллифи рисола асосноку мудаллал, илмию мантиқӣ буда, натиҷаи пажӯҳишҳои муттасили ӯст.

Муаллифи рисола аз рӯйи мавзӯи диссертатсияаш ду китоб, шонздаҳ мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА ҶТ ва чандин таълифоти дигар дар маҷаллаҳои илмӣ ба табъ расонидааст.

Тозакории муҳаққиқ дар диссертатсияаш дар он зоҳир мешавад, ки ӯ омилҳои таърихӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, мафкуравӣ, фарҳангӣ ва динии зуҳури адабиёти тасаввуфии форс-тоҷик, нахустшоирони сӯфиро, ки то Ҳаким Саноӣ дар ин ё он навъи адабӣ эҷод кардаанд, хеле хуб мушаххас карда тавонистааст. Муҳаққиқ нақши Ҳаким Саноиро дар ташаккули адабиёти тасаввуфӣ, хосса, дар шаклгирии анвои ғиноии он: ғазал, қасида, рубоӣ, қитъа, тарҷеот, шеъри тасмит дар сатҳи зарурӣ нишон дода тавонистааст.

Дар диссертатсия бо асноду далоили зиёд исбот мешавад, ки Ҳаким Саноӣ кашшофи шакли нави маснавӣ дар таърихи адабиёт – маснавиҳои ирфонӣ-фалсафӣ, ахлоқӣ-таълимӣ аст, ки то ӯ эҷоди ин навъи маснавӣ мушоҳида намешавад.

Натиҷаҳои бадастомада аз тадқиқоти мазкурро метавон дар таълифи китобҳои таърихи адабиёти форс-тоҷик, хусусан, таърихи адабиёти сӯфия, тадқиқоти монографии рӯзгору осори симоҳои ҷудогонаи адабиёти ирфонӣ истифода бурд. Инчунин, диссертатсияи мазкурро дар хондани лексияҳо аз таърихи адабиёт, курсҳо ва семинарҳои ихтисосӣ метавон мавриди истифода қарор дод.

Умуман, рисолаи Солеҳов Мирзо Одинаевичро кори илмии анҷомёфтаи дорои аҳаммияти назарию амалие меҳисобам, ки дар сатҳи хуби илмию таҳқиқотӣ таълиф шуда ва ба ҳамаи талаботи корҳои диссертатсионӣ ҷавобгӯ аст.

Дар ҳамин замина, диссертатсияи мазкурро барои дифоъ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филология тавсия менамоям.

Академики АУ ҶТ,
доктори илмҳои
филологӣ, профессор М.С. Имомзода.

Имзои М.С. Имомзодаро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Э.Ш. Тавқиев.
соли 2020